Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст. Душанбе, 2021. 185 с.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, нақши ҳуқуқ дар ташаккули давлатҳои аз лиҳози иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешрафта мебошанд, афзалият дорад. Такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи меҳнат, махсусан бо роҳи ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани он муҳим мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки сатҳи камбизоатӣ ва шидати бекорӣ паст карда шуда, дар ин замина таъсиси ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шавад. Ҳамин тариқ, рисолаи барои ҳимоя пешниҳодкардаи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович, ки ба танзими ҳуқуқии меҳнат ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, дар рушди кишвари тозаистиқлол ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи “Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба масъалаи дараҷаи таъсири мутақобилаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат ба

санадҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Дар ин замина ҳақ бар ҷониби муаллифи рисола мебошад, ки қайд менамояд: “Дар марҳилаи кунунӣ масъалаҳои инкишофи қонунгузории миллӣ оид ба меҳнат ба сабаби таъсири мутақобилаи он бо принсип ва меъёрҳои байналмилалии меҳнат махсусан мубрам мегардад. Мутаносибан, нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар таҳқиқоти раванди таъсири мутақобилаи меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба меҳнат дар ҳоли афзоиш аст. Дар ин ҳол, масъалаи дараҷаи таъсири мутақобилаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат бо санадҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат аҳамияти хоса пайдо хоҳад кард” (саҳ. 3). Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ боиси шакку шубҳа нахоҳад буд.

**Дараҷаи навоварии таҳқиқот**и мазкур пеш аз ҳама дар он дарҷ мегардад, ки то кунун дар ҳавзаи илмии ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таҳқиқоти ҷудогонаи, ба мавзӯи мақом ва нақши санадҳои байнал-милалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат, танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо он алоқаманд бахшидашуда вуҷуд надошт. Диссертатсияи пешниҳодгардида таҷрибаи нахустин дар ин самт мебошад. Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки масоили марбут ба танзими муносибатҳои меҳнатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ҳаллу фасл намояд (саҳ 7).

**Асоснокии хулосаю пешниҳодҳо.** Хулосаю пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллифи рисола оварда шудаанд, илман асоснок мебошанд. Ҳамаи онҳо дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таҳлили санадҳои хуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таҳия гардидаанд. Дар ин замина муаллифи рисола ба таври васеъ асноди гуногуни байналмилалӣ ва қонунгузории амалкунандаи миллиро таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои худро манзур намудааст.

**Дарачаи навоварии хулоса ва пешниҳодҳо.** Хулоса ва нуктаҳои асосии барои ҳимоя тавсияшудаи таҳқиқот аз он иборат аст, ки пажӯҳиши мазкур нахустин таҳқиқотест, ки аз саҳми мустақилонаи муаллиф дар баррасии масоили таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад. Нуктаи муҳими навоварии хулоса ва пешниҳодҳоро нақш ва ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии СММ ва СБМ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Сохтори рисола** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи илмӣ муайян гардида, мантиқан аз муқаддима, се боби фарогири ҳафт зербоб, хулоса, руйхати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда иборат аст.

Боби якуми рисола **«Тавсифи умумии низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифтааст, ки фарогири ду зербоб мебошад. Боби мазкур масъалаҳоро доир ба мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таносуби он бо сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқамандро дарбар мегирад (саҳ. 15-50).

Муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ таърифи мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқ»-ро шарҳ дода, таносуби мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ»-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, набояд аз мафҳумҳои «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ» даст кашид, ҳамзамон, муҳим нест, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба мафҳуми «шакли ҳуқуқ» ё баръакси он иваз намуд (саҳ. 19-20).

Боби дувуми рисола **«Сарчашмаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд ва тасnifи онҳо»** ном гирифта, ба се зербоб тақсим шудааст. Муаллиф дар ин боб мафҳуми санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд маънидод намуда, табиати ҳуқуқӣ ва таснифоти санадҳои СММ ва СБМ-ро ба риштаи таҳлил кашидааст (саҳ. 51-98).

Боби сеюми рисола “**Амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат дар сатҳи миллӣ ва назорат бар раванди он”** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар ин қисмат сатҳи татбиқи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ, инчунин назорат бар раванди татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнатро баррасӣ намудааст (саҳ. 99-157).

Дар хулосаи таҳқиқоти илмии иҷрошуда натиҷаҳои умумии назариявӣ, пешниҳодҳои амалӣ ва тавсияҳое, ки аз аҳамияти муайяни илмӣ-назариявӣ ва амалӣ бархурдоранд, ба таври фишурда баён гардидаанд (саҳ. 158-163).

**Таълифоти натиҷаҳои тақиқот дар нашрияҳои илмӣ.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 6 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расидаанд, инъикос ёфтаанд.

**Аҳмияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо.** Маводи таҳқиқотро метавон ҷиҳати беҳтар намудани заминаи ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии ин самт истифода намуд. Инчунин, маводи дар рисола овардашударо метавон ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон истифода намуд.

**Эродҳо ба матн ва мазмуни диссертатсия.** Дар баробари натиҷаҳои писанди рисола, ба андешаи ман, дар рисола баъзе нуктаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф дохил намудани одатҳои ҳуқуқиро ба феҳристи сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат лозим намешуморад, зеро сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи меҳнат баҳри танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд ба ҳадди кофӣ мавҷуд ҳастанд (саҳ. 24). Бояд қайд намуд, ки ба одатҳои ҳуқуқӣ одатҳои муомилоти корӣ, аз ҷумла одатҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ дохил мешаванд. Татбиқи онҳоро моддаи 5 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Ба ин хотир одатҳои ҳуқуқӣ низ хусусияти “расмӣ” доранд. Аз ин ҷиҳат тибқи

қонунгузории расмӣ ба андешаи муаллиф сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ бояд одатҳои ҳуқуқиро низ дарбар гиранд.

2. Ба ақидаи муаллиф қарорҳои мақомоти олии судии дорои ташреҳоти раҳнамунро, ки барои тамоми мақомоти судӣ ва судяҳо ҳатмӣ мебошанд, метавон ба сарчашмаҳои ҳуқуқ дохил намуд (саҳ. 27). Ин масъаларо бояд аниқ кард, ки ба андешаи муаллиф амсоли судӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистон де-юре ва ё де-факто аст? Қарорҳои мақомоти олии судӣ дар ҳолатҳои муайян, масалан дар ҳолати мавҷуд будани холигӣ ва зиддият (коллизия) дар қонунгузорӣ то бартараф кардани онҳо, натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои пасошӯравӣ, ки низоми ҳуқуқиашон романӣ-олмонӣ мебошад, низ хусусияти роҳнамоӣ ва ҳатмӣ доранд. Агар муаллиф амсоли судиро ҳамчун сарчашмаи расмии ҳуқуқ эътироф кунад, пас лутфан асоси чунин хулосаро шарҳ диҳад.

Эродҳои овардашуда аз лиҳози илмӣ баҳснок буда, ба қимати баланди илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Мазмуни автореферат ва интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои пешниҳодшудаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқатии диссертатсия аз рӯйи мазмун ва шакли таҳия ба талаботи Комиссияи олии атесстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Бо назардошти андешаҳои зикршуда чунин мешуморам, ки диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори мустақим ва илман анҷомёфта ба ҳисоб рафта, навгонии илмиро дарбар мегирад. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои 10, 12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ
ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии
Самара (ш. Самара, Федератсияи Россия) Маликова А.Х.

**Суроға:** 443090, Федератсияи Россия, Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара, ш. Самара, к. Советская Армия, 141.
**Тел.:** 8(46) 933 87 71. **E-mail:** malikova_ax@mail.ru **Веб сайт:** www.sseu.ru

Подпись Маликовой А.Х. заверяю
Начальник Управления делами
«____» ____________ 20___ г.